Маърӯзаи
директори Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷ.М. дар
конференсияи илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Ҳуқуқ ба хизмати
давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ифтихори Рӯзи ҳуқуқи
инсон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

Аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Мутаҳид 10 декабри соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар шаҳри Парижи Фаронса қабул гардид. Вобаста ба қабули Эъломияи мазкур ҳамасола санаи 10 декабр аз ҷониби давлатҳои узви Созмони Милали Мутаҳид ҳамчун «Рӯзи ҳуқуқи инсон» қайд карда мешавад.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар мамлакат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид, ки мақсад аз он баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон ва тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбати ҳуқуқ ва қонуну тартиботи ҳуқуқӣ мебошад.

Эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» иқдоми муҳим ва арзишманд буда, барои баланд бардоштани тафаккури ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ, қонуният ва адолати иҷтимоӣ такон мебахшад.

Хизмати давлатӣ ин фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ мебошад, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ тавассути амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар гардидааст.

Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири низоми идоракунии давлатӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ташакул ёфт.

Тавассути сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такмили низоми идоракунии давлатӣ ва ташаккули хизмати давлатӣ, аз ҷумла, масъалаҳои таъминоти кадрӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидорҳои кадрӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ ба вазифаҳои афзалиятноки давлатӣ табдил ёфтанд.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 сарчашмаи ташаккул ва таҳкими идоракунии давлатии муосир ва хизмати давлатии касбӣ дониста мешавад.

Моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон барои дохил шудан ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробарро кафолат медиҳад.

Меъёри мазкур ба қисми 2-и моддаи 21 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки тибқи он ҳар як инсон дар кишвари худ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар дорад, моддаи 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад, ки дар он муқаррароти «Ба ҳар як шаҳрванд дар кишвари худ бояд бе ҳеҷ гуна поймолкунӣ ва маҳдуднамоии беасос тибқи шарту шароити барои ҳама баробар ҳуқуқу имконияти иштирок дар хизмати давлатӣ дода шавад» пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон принсипҳои асосии хизмати давлатӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нахустин маротиба 13 ноябри соли 1998 ва дар таҳрири нав 5 марти соли 2007 қабул гардида, ба ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ заминаи воқеӣ гузошт.

Дар асоси онҳо зиёда аз 200 санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа, аз ҷумла, оид ба танзими мансабҳои давлатӣ, талаботҳои тахассусӣ, дастурамалҳои мансабӣ, одоби хизматчии давлатӣ, ташкил ва баргузории озмунҳо, баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ, аттестатсияи онҳо, кор бо захираи кадрҳо, ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда ва амсоли инҳо қабул гардида, масъалаҳои тарбия, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ, дар маҷмӯъ идоракунии захираҳои инсонӣ ва ҳуқуқҳои хизматчиёни давлатӣ пурра муқаррар гардиданд.

Марҳилаи нави рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол тақозо менамуд, ки хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди кадрсозӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ дар байни давлат ва ҷомеа бояд аз ин бештар нақши васлкунанда дошта, барои амалӣ намудани афзалиятҳои миллӣ ва фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ мусоидат намояд.

Дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 январи соли 2001 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, минбаъд бо мақсади баланд

бардоштани мақом ва нақши он дар идоракунии хизмати давлатӣ 13 ноябри соли 2013 ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Дар амалигардонии ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713), Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №289), Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007, №448), Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №582) ва Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №252) роҳнамоӣ бахшиданд.

Ба ғайр аз ин ҷиҳати таҳким бахшидани иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ тавассути истифодаи роҳу усулҳои муосири қабул ба хизмати давлатӣ, ҷобаҷогузории дурусти ҳайат, муайян намудани самаранокии саҳми хизматчии давлатӣ дар татбиқи вазифаҳои мақоми давлатӣ аз тариқи иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатӣ, таъмини болоравии мансабии хизматчии давлатӣ силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар робита ба роҳандозии василаҳои кадрӣ таҳия, тасдиқ ва амалӣ карда шуданд.

Аз ҷумла, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири сеюм), аз 10 марти соли 2016, №647 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (таҳрири чорум), аз 19 июли соли 2019, №1287 Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири дуюм), аз 22 июли соли 2019, №1328 Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири дуюм) қабул карда шуданд.

Имрӯз қонунгузории хизмати давлатии Тоҷикистон бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон шабеҳ ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто бартарӣ дорад. Самтҳои асосии фаъолияти хизмати давлатии

Тоҷикистон ба меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ мувофиқат мекунанд.

Таъсиси хизмати давлатии касбӣ ва афзоиши ҷолибияти он фароҳамсозии заминаи мусоид барои рушди минбаъдаи ниҳоди хизмати давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии хизмати давлатӣ, омода намудани мутахассисони касбии соҳаи идоракунии давлатӣ дастовардҳои асосии соҳаи хизмати давлатии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мебошад.

Мувофиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар дошта, муқаррароти мазкур аз моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Дар робита ба ин ҳуқуқҳои шаҳрвандон зимни баргузории озмунҳо барои ҷойҳои холӣ, адои хизмати давлатӣ ва болоравии мансабӣ, таҳти назорати доимии Агентии хизмати давлатӣ қарор дорад.

Матни эълони озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии хизмати давлатӣ дар нашрияҳои давлатӣ, сомонаҳои мақомоти давлатӣ ва сомонаи Агентии хизмати давлатӣ (www.ahd.tj) интишор карда мешаванд.

Таҳлил нишон дод, ки дар ёздаҳ моҳи соли соли 2024 ба Агентии хизмати давлатӣ 433 дархости мақомоти давлатӣ дар хусуси ҷойгир намудани матни эълонҳои озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ ворид гардида, ҳамаи онҳо барои амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ва хизмати давлатӣ ҷиҳати тарғибу огоҳсозӣ аз мавҷудияти ҷойҳои холӣ дар гушаи «озмун»-и сомонаи Агентии хизмати давлатӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳамчунин аз тарафи Агентии хизмати давлатӣ номгӯйи саволҳо доир ба ҳуқуқи инсон, ки ҳангоми гузаронидани озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти давлатӣ ва аттестатсияҳои хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати истифода тавсия дода мешаванд, таҳия гардида, ба ҳамаи вазорату идораҳо барои истифода ирсол карда шудааст.

Номгӯйи мазкур якҷо бо ҷавоби онҳо ҷиҳати дастрас намудани маълумот ба хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ нашр карда шудааст.

Мувофиқи банди 10 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 (бо тағйиру иловаҳо аз 19 апрели соли 2017, №869, аз 18 феврали соли 2020, №1458, аз 1 апрели соли 2023, №544) тасдиқ карда шудааст, яке аз принсипҳои асосии гузаронидани озмун ин таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон ҳангоми ишғоли ҷойҳои холӣ мебошад, ки таҳти назорати Агентии хизмати давлатӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Дар нуҳ моҳи соли 2024 тибқи Низомномаи мазкур масъулини Агентии хизмати давлатӣ дар 330 (мақомоти марказӣ-128 ва мақомоти маҳаллӣ-202) озмунҳои мақомоти давлатӣ барои ишғоли 7818 мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ иштирок ва рафти озмунҳоро назорат намуданд.

Аз натиҷаи озмунҳо 2760 нафар, аз он зан 830 нафар довталаб барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд, ки 1867 нафари онҳо ҷавонони то 35 - сола мебошанд.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2024 дар мақомоти давлатӣ 18374 нафар хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла дар мақомоти марказӣ (якҷо бо сохторҳои маҳаллӣ) 11990 нафар (занон 3025 нафар ё 25,2 фоиз), мақомоти маҳаллӣ 3483 нафар (занон 1084 нафар ё 31,1 фоиз) ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 2901 нафар (занон 610 нафар ё 21,0 фоиз) фаъолият доранд.

Занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ 4719 нафар ё 25,6 фоизро ташкил дода, аз 5886 нафар ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 1203 нафар ё 20,4 фоиз занони роҳбар мебошанд.

Теъдоди ҷавонони то 35-сола 9010 нафар (49,0 фоиз) ва дар мансабҳои роҳбарикунанда 1655 нафар (28,1 фоиз)-ро ташкил медиҳанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки ниҳоди хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлоли ташаккул ёфта, ҳоло ҳам дар марҳилаи пешрафт қарор дорад. Вале рушди ҷомеа, падидаҳои мураккаби ҷаҳони муосир дар назди хизмати давлатӣ ва хизматчии давлатӣ вазифаҳои нав ва пурмасъулиятро гузоштааст, ки аз иҷрои онҳо рушди устувори ҷомеа, баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии мардум вобаста аст. Дар робита ба ин зарур аст, ки ҷавонон аз ҳуқуқи конститутсионии

худ, ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ истифода карда, хизмати давлатиро интихоб ва ҷасуронаву содиқона ба Ватан ва халқи Тоҷикистон хизмат намояд.

Директори Агентии хизмати<br>давлатии назди Президенти<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Давлатов Ҷ.М.